«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
_____________ профессор Ҷӯразода Ҷ.Ҳ
«16» ______01______ 2021

# ТАҚРИЗИ

**муаасисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон), барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ**

Нақши ВАО дар инкишофи ҷомеа, сафарбар намудани таваҷҷуҳи мардум ба самтҳои муайяни мақсаднок, инъикоси дастовардҳои давлату ҳукумат, ифшои камбудиҳои иҷтимоӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо ниҳоят бузург аст. Рушди воситаҳои ахбори оммаи электронӣ, вусъат пайдо кардани муносибати демократӣ дар фаъолияти журналистӣ, пешрафти технологияи коммуникатсионӣ, баланд гардидани савияи дониш ва ҷаҳонбинии аудитория масъалаи мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист ва риояи онро тақозо дорад. Мантиқ ба гуфтор солорӣ мебахшад ва ба дарку фаҳми шунавандаву бинанда кӯмак мерасонад. Ин ва дигар омилҳо зарурияти ба нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналистон таваҷҷуҳи хоссаи илмӣ зоҳир намуданро ба миён овардааст. Ин масъала дар фаъолияти журналистӣ ҳамеша мубрам буд, аммо дар замони имрӯз муҳимияти он бештар гардидааст, зеро ғанӣ гардидани низоми матбуоти даврӣ, рушди техникаву технологияи касбӣ, таъйиноти гуногун пайдо кардани расонаҳои иттилоотӣ, вусъат ёфтани доманаи фаъолияти журналистӣ, муносибати озодонаи касбӣ ва фаъолияти саҳлангоронаи баъзе аз рӯзноманигорон боиси зиёд шудани ғалатҳои мантиқӣ дар ВАО-и муосир мешаванд. Дар баробари ин ҳар як воқеият дорои усули махсуси маърифат, роҳу тариқаи инъикос ва шеваи

хоси баён аст, ки дар донистану риоя кардани он дарку маърифати мантиқӣ ба кор меояд. Нуктаҳои зикрнамуда аз мубрамият ва аҳамияти таҳқиқи диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон), барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филология шаҳодат медиҳанд.

Таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои илмии кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (барои солҳои 2016 -2020) ба анҷом расида, натиҷаҳои он барои ҳалли муаммоҳои соҳаи медиаи муосир, ҳам ВАО-и электронӣ ва ҳам матбуоти даврӣ мусоидат хоҳад кард.

Навгониҳои таҳқиқро муаллиф бо он асоснок кардааст, ки мавзӯи нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист дар илми публитсистикашиносии тоҷик ба пажуҳиш кашида мешавад. Бори нахуст дар заминаи таҳлилу баррасии маводи ВАО-и тоҷик қонунмандиҳои мантиқ дар журналистика муайян гардида, дараҷа ва сатҳи маърифати мантиқ ва риояи он дар фаъолияти журналистон нишон дода мешавад, низоми назарии мантиқи эҷод дар журналистикаи тоҷик пешниҳод мегардад.

Диссертатсияи мазкур барои таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои мубрами илми журналистика мавод фароҳам меорад. Илова бар ин, кормандони эҷодию техникии ВАО ҳангоми таҳияи мавод метавонанд аз талаботи мантиқ дар фаъолияти журналистӣ, ки дар диссертатсия баррасӣ шудааст, истифода намоянд.

Натиҷаи таҳқиқ барои таълими фанҳои тахассусии журналистӣ, чун мантиқи журналистика, асосҳои эҷоди журналистӣ, психологияи журналистика ва таълифи китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ муҳим аст. Қисмҳои ин кор дар доираи фанҳои тахассусӣ дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои олии касбӣ метавонанд мавриди таълим қарор гиранд.

Диссертатсияи мазкур, ки дар такя ба сарчашмаҳои муътамади назариявӣ ва илмӣ таҳия гардидааст, фазои илми журналистикаи тоҷикро нисбатан пурра мекунад. Бахусус муҳтавои он дар коркарди назарии қонунмандиҳои мантиқи журналистӣ, меъёрҳои гуфтору навиштор ва мубодилаи афкор аҳамиятнок аст. Натиҷаҳои таҳқиқ дар самтҳои ҳамҷавори илм: журналистика, забоншиносӣ ва фалсафа истифода мешаванд.

Диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои фаровони илмӣ оид ба мантиқи журналистӣ ва умуман мантиқи фикр, қонуну категорияҳои мантиқи умумӣ, индуксия, дедуксия, истифодаи онҳо дар журналистика, маҳорати исботи фикр дар ҳолатҳои гуногун, мантиқи забон, қонунҳои мантиқ, мантиқ дар ҳуҷҷатҳо, ки ба муаллифони ватаниву хориҷӣ таалуқ дорад, таълиф гардидааст. Диссертант бо истифода аз маводи фаровони ВАО-и электронӣ вижагиҳои нақши мантиқро дар фаъолияти эҷодии журналист, риояи қонунҳои мантиқ ва категорияҳои онро дар маводи журналистӣ, хосса барномаҳои радиову телевизионҳои кишвар амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудааст.

Диссертатсия дар робита ба вазифаҳои пешгузошташуда аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳо иборат аст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, арзиши назариву амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот муаррифӣ карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия, ки «Вижагиҳои мантиқии мундариҷаи намоишҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоӣ» унвон гирифтааст, аз се фасл иборат аст. Дар қисми муқаддимавии ин боб баъзе ҷанбаҳои мантиқи журналистӣ баррасӣ гардида, ба таври намуна вижагиҳои мантиқии барномаҳои телевизионии «Сарнавишт», «Президенти мардумӣ» ва «Оини ватандорӣ»-и Сайрам Бақозода, «Суҳбати рӯз»-и Абдуғаффори Камол, барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон»-и телевизиони

«Тоҷикистон», барномаҳои «Ҳукм» ва «Шакл»-и телевизиони «Сафина», «Баҳси имрӯз бо Орзу Исоев»-и радиои «Имрӯз» ва амсоли ин нишон дода шудаанд. Дар фасли аввали ин боб «Нуқси мантиқӣ ва омилҳои рух додани он дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ» таваҷҷуҳи асосӣ ба омилҳои роҳ ёфтани камбудиҳои мантиқӣ дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ равона шудааст. Дар ҳамин боби диссертатсия бо таҳлили барномаҳои мушаххаси телевизиониву радиоӣ, амсоли бахши «Толеънома»-и барномаи «Субҳ» ва барномаи иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон», барномаи «Роҳбалад»-и телевизиони «Сафина», барномаи «Барои ҳам»-и радиои «Имрӯз», бахши дарии шабакаи бурунмарзии Радиои Тоҷикистон – «Овози тоҷик», барномаи «Роҳи сафед»-и радиои «Тоҷикистон» камбудиҳои мантиқӣ, услубӣ ва забонӣ ошкор гардида, сабабҳои нуқси онҳо бо зикри намунаҳо нишон дода шудаанд.

Дар фасли дуюми боби аввал – «Истифодаи мантиқии навор ва аксу сурат дар телевизион, матбуоти даврӣ ва сомонаҳо» масъалаи мувофиқати навор бо сухани журналист ва муҳтавои аксу тасвирҳо бо мазмуни матнҳои нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Диссертант дар ин фасл таъкид мекунад, ки “Истифодаи навор ва аксҳои шахсони маъруф, лаҳзаҳои ҷолиб, бонувони зебо дар телевизиону нашрияҳои даврӣ мамнуъ нест, аммо сӯистифода аз наворҳо ва акси шахсиятҳои шинохта низ ҷоиз нест”. Ба андешаи диссертант навор ва аксу сурат василаи ёрирасон буда он бояд мутобиқ ба матлаб интихоб шавад. Дар фасли сеюми боби аввал – «Дараҷаи нақди барномаҳои телевизион ва радио дар матбуоти даврӣ ва расонаҳо» нақши матбуоти даврӣ дар таҳлилу баррасии барномаҳои радиоиву телевизионӣ, бо назардошти ҳусну қубҳи онҳо дар доираи категорияҳои мантиқ, нишон дода шудааст. Диссертант таҳлилу баррасиҳои боби аввал ба хулоса расидааст, ки на ҳамаи нашрияҳои даврӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи электронӣ қонуниятҳои мантиқро дар ҳадди зарурӣ риоя мекунанд. Дар

матолиби накдӣ ҷойи таҳлилу баррасиҳои касбиву холисонаро айбҷӯйии ҳамкасбон гирифтааст. Дар масъалагузорӣ ва муҳтавои мантиқии барномаҳои радиоӣ, намоишҳои телевизионӣ ва маводи чопии матбуоту расонаҳо камбудиҳои зиёд ҷой доранд. Бо ин ҳама имрӯз радиову телевизион ва матбуоту сомонаҳо дар тарғиби идеологияи ҳукумат, баррасии масъалаҳои рӯз, сатҳи маърифатнокии шаҳрвандон, баланд бардоштани сатҳи огоҳии иттилоотии аҳолӣ, тарбияи ҳуқуқии онҳо ва ғайра саҳми калон доранд. Пайдо намудани фикри бемантиқ аз барномаву намоишҳои телевизиону радио ва матолиби нашрияҳои даврӣ таваҷҷуҳ ва маҳорати хоссаро талаб менамояд.

Боби дуюми диссертатсия – «Категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ дар журналистика» низ дорои се фасл буда, баҳси илмиро оид ба категорияҳои асосии мантиқ: мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ ва алоқамандиии онҳоро дар фаъолияти журналистӣ фаро гирифтааст. Дар фасли аввали ин боб, ки «Қонунҳои мантиқ ва алоқамандии онҳо ба журналистика» ном гирифтааст, вижагиҳои қонунҳои мантиқ ва таносуби истифодаи онҳо дар фаъолияти журналистӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин фасл диссертант кӯшиш намудаст, ки сатҳу дараҷаи маърифат ва риояи талаботи қонунҳои мантиқро дар фаъолияти журналистони тоҷик зимни таҳияи мавод ба баррасии илмӣ кашида, вазъи масъаларо бо зикри мисолҳо нишон диҳад.

Дар ин фасл диссертант аз омӯзиши маводи ВАО ба хулоса мерасад, ки журналистон аз шаклҳои гуногуни муҳокима истифода менамудаанд. Таҳаввулоти ҷомеа, рушди ВАО, бартарӣ пайдо кардани ҳимояи манфиати доираҳои гуногуни иҷтимоӣ тавассути нашрияҳои ҷудогона, ба воситаи ВАО амалӣ гардонидани ҳадафҳои ғаразнок, ба майдони матбуот ворид шудани журналистони ғайрикасбӣ имкон фароҳам овардааст, ки чунин навъи муҳокимаронии ҳо шакл гиранд: а) муҳокимаи яктарафа; б) муҳокимаи воқеӣ; в) муҳокимаи ғаразнок; г) муҳокима – таҳқир; ғ) муҳокима – манфиат; д) муҳокима – тақвият. Дар

диссертатсия ҳар яке аз ин навъи муҳокимарониҳо маънидод гардида, хусусият ва дараҷаи истифодаи онҳо дар маводи воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуоти даврӣ ба таври васеъ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Фасли сеюми боби дуюм «Хулосабарорӣ ва ду назарияи журналистика» номгузорӣ шудааст. Мавзӯи баҳси онро ду назарияи ба ҳам зиди хулосабарорӣ: назарияи коммунистии шӯравии журналистика ва назарияи аврупоии журналистика (назарияи Ғарб) ташкил медиҳанд. Дар ин фасл диссертант таъкид мекунад, ки “Дар журналистикаи муосир баъд аз муҳокима хулоса баровардан маъмул шудааст. Хулоса як навъ натиҷагирии журналист аз муҳокимаҳояш буда, фикри муайянро ба андешаи номуайян мебарад. Яъне, аз хулосаи журналист метавонад фикр ё муҳокимаи нав ба миён ояд”. Дар диссертатсия ба навъҳои хулосабарории мантиқӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шуда, дар заминаи шинохти назариявии онҳо маводи ВАО, хоса матбуоти даврӣ таҳқиқ гардидааст. Дар заминаи таҳлилҳо диссертант иброз менамояд, ки дар ВАО-и муосири тоҷик журналистон аз категорияҳои илми мантиқ – муҳокима ва хулосабарорӣ фаровон истифода мебаранд, вале сатҳи муҳокима ва қобилияти хулосабарории онҳо яксон нест.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар дар нӯҳ банд зикр гардидаанд. Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист, категория ва қонунҳои мантиқ дар назди кормандони ВАО масъалаҳои инъикоси бошууронаи воқеаҳо, тафаккури амиқи илмӣ ва пешниҳоди андешаи эътимоднокро ба миён мегузорад. Чунин талабот, қабл аз ҳама, ба манфиати журналистон ва идораи нашриҳои даврӣ мебошад. Матолиби эътимодноку боварибахш, ки имрӯз шарти асосии пайдо кардану омили нигоҳ доштани аудитория маҳсуб меёбад, бо риояи фарҳанги мантиқии фаъолияти журналистӣ шакл мегирад. Мантиқ фаъолияти журналистро мушаххас намуда, ба сухани ӯ таъсир мебахшад. Он риояи меъёрҳои ахлоқии журналистӣ, дараҷаи касбият, ягонагии фикру мавқеъ, инчунин дигар талаботи эҷодро пайваста таъкид менамояд. Қонуну

категорияҳои мантиқ, ки дар фаъолияти журналистӣ васеъ истифода мешаванд, чун қонунҳои соҳавӣ муаллифони матну барномаҳоро масъулиятшинос хоҳанд кард.

Бо вуҷуди муҳасаноти номбурдаи диссертатсия якчанд нуктаҳое, ҳастанд, ки ба инобат гирифтани онҳо арзиши диссертатсияро бештар хоҳад кард.

1. Объекти пажӯҳиш номгӯи зиёд ва навъҳои расонаҳоро фаро гирифтааст, интихоби як навъи ВАО ба манфиат мебуд;
2. Мавзӯи диссертатсия, ки дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон гуфта шудааст, беҳтар мешуд агар диссертант аз телевизиону радио ва матбуоти минтақавию маҳаллӣ низ намунаҳоеро таҳлил мекард;
3. Диссертант барои ворид шудан ба мавзӯъ асосан ба китоби “Мантиқ”-и М.Болтаев такя намудааст, ки ин хоси талаботи анҷом додани кори илмӣ нест. Унвонҷӯро мебоист дар масъалаҳои методу усулҳо ва қонуну категорияҳои мантиқ, ки аз рӯйи хусусият онҳоро метавон дар журналистика истифода намуд, назари дигар мантиқшиносонро низ ба ҳайси қиёс истифода мекард;
4. Дар баъзе мавридҳо диссертант аз вазифаи худ берун баромада, ба нақди барномаҳои телевизиону радио ва маводи матбуоту сомонаҳо пардохтааст;

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии рисоларо паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздашгузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мустақилона буда, аҳамияти назариву амалӣ дорад.

Автореферат ва 5 матолиби интишорнамудаи диссертант, ки 3-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи номзадии Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон), таҳқиқоти бaанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шудааст. Вай бо муҳимият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариву амалиаш ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ

буда, муаллифи он барои гирифтани дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст. Диссертатсия дар кафедраи журналистика ва назарияи тарчумаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар чаласаи №7 аз 15–уми январи соли 2021 мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Дар чаласа 19 нафар ширкат карданд ва ба тарафдории тақризи мазкур 19 нафар овоз доданд, зид нест, бетараф нест.

Раиси чаласа,
мудири кафедраи рӯзноманигории
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хучанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров",
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Комилов Каримбой Исломович

Котиби чаласа,
дотсенти кафедра — Қосимова Инобат Тӯхтабоевна

Эксперт,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Зикрияева Муҳиба Аббосовна

Имзоҳои Комилов К. И., Қосимова И.Т. ва
Зикрияева М.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" — Ашрапова З.Н.

Нишонӣ: 735700, ш. Хучанд,
Кӯчаи Мавлонбеков 1,
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хучанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров"
Тел: (834 22) 6 53 73; (992) 92 735 10 17
e-mail: hgu.mail.ru, www.hgu.tj